**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-002 назди Донишгоҳи**

**миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар мавзӯи «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2021)**

Таҳқиқоти барои ҳимоя манзурнамудаи Сайидмуссо Қодирзода мавзӯи муҳим ва саривақтии илмӣ буда, ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки ”Афкори сиёсиву ҳуқуқии миллати тоҷик тӯли ҳазорсолаҳо рушду ташаккул ёфта, ганҷи ноёб ва марвориди истифоданашудаеро мемонад. Агарчанде бо сабабҳои гуногуни объективию субъективӣ то ба имрӯз аз ҷониби баъзе муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мероси гаронбаҳои ин аллома ба таври ҷузъӣ ва сатҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, вале ҳанӯз ниёз ба таҳқиқоти ҷиддӣ, алоҳида ва бунёдиро доранд” (С.3). Инчунин "аҳамияти бузурги илмиву назариявӣ ва амаливу ахлоқӣ доштани афкори ниёгон моро водор месозад, ки ба ин ганҷина рӯй оварда, барои дарку мавриди омӯзиш қарор додани он саъю кӯшиш намоем, чунки дар таърихи тамаддуни ҷаҳон ва фарҳанги мамолики исломӣ, махсусан мардуми форсизабон, ҷавҳари таълимоту таълифоти олимон, шоирон ва мутафаккирони ин қаламравро на танҳо илмҳои адабу ахлоқ, риёзию тиб, нуҷуму механика, физикаю кимиё, ҳамчунин сиёсат, таъриху ҳуқуқ ташкил медиҳанд, ки ворисону парчамбардорони он мо – тоҷикон мебошем, (С.4). Таваҷҷуҳ ба таълимоти Мискавайҳ дар замони муосир на танҳо нишон додани нақши ин мутафаккири барҷаста

дар илму фарҳанг ва таърихи давлатдории тоҷикон мебошад, балки рӯ овардан ба андешаҳои демократию пешқадам, ба андешаҳои шахсияте мебошад, ки падидаи шаҳрванди фаъол, аз ҷанбаи сиёсӣ худшиносу зирак, ҳамқадами давлат ва замон тақозо менамояд. Аксари муҳаққиқон таълимоти ахлоқии ӯро омӯхтаанд, Сайидмуссо Қодирзода бошад, дар назди худ таҳқиқоти афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳро ба таҳқиқ гирифтааст. Мискавайҳ шахсияте мебошад, ки асли вобастагии давлатро аз ҳуқуқ пешниҳод намуда, давлатеро, ки тибқи қонун ба вуҷуд омада, дар фаъолияти худ тибқи қонун амал мекунад, давлати ҷоиз, қонунӣ мешуморад. Бо як истилоҳ Мискавайҳ на танҳо мутафакири ҳамқадами замони мо, балки таълимоти ӯ метавонад ҷузъи идеологияи давлатҳои муосир ҳам гардад. Мискавайҳ яке аз мубалиғини демократия дар илми тоҷик мебошад. Шинохти наздик ба таълимоти мутафаккир метавонад моро мутақоид созад, ки гузаштагони мо дар саргаҳи ғояҳои демократӣ меистоданд ва ошкор намудани ин ҳақиқат метавонад, андешаҳои моро оид ба масоили мубрами рӯз тағйир диҳад. Ин саҳми муҳққиқ на танҳо дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик, махсусан дар таърихи афкори ҳуқуқию сиёсии мутафаккир, балки дар таҳкими низоми давлатдории муосири тоҷик низ хоҳад буд.

Рисола чуноне, ки аз автореферат бармеояд, аз муқаддима, ду боби фарогири ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳои истифодагардида иборат мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти илмӣ Сайидмуссо Қодирзода афкори сиёсию ҳуқуқии Мискавайҳро таҳлил намуда, зимни хулосабарорӣ тавонистааст, ки беш аз даҳ навгонӣ барои ҳимоя пешниҳод намояд. Ба андешаи мо, махсусан навгониҳои бандҳои 5 – 12 аҳамияти бештари илмӣ доранд. Аксарияти навгониҳои пешниҳодгардида сазовори дастгирӣ мебошанд, чунки онҳо аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносӣ пешниҳод мешаванд.

Муаллиф дар таҳқиқи таълимоти мутафаккир аз усулҳои муосири илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода бурдааст, ки онҳо заминаи

ба даст овардани хулосаю навгониҳои илман асоснок гаштаанд.

Дар асоси автореферат гуфтан мумкин аст, ки муаллиф дар рисолаи манзурнамудааш объекту предмет ва мақсади таҳқиқотро дуруст муайян намуда, зимни шиносоӣ бо навгониҳои диссертатсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки вазифаҳои таҳқиқотро низ бомуваффақият амалӣ карда тавонистааст.

Эроди мо нисбат ба рисола - аҳамияти таълимоти Мискавайҳро дар замони муосир ба таври мушаххас ва муфассал дар рисола бояд инъикос менамуд.

Аз ҳамин лиҳоз, муҳақикро зарур аст, ки мавқеи худро оид ба аҳамияти таълимоти Мискавайҳро дар замони муосир ба таври мушаххас ва муфассал дар рисола бояд инъикос намояд.

Бояд тазаккур дод эродҳое, ки дар боло зикр гардид аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсир намерасонанд.

Новобаста аз ин, рисолаи мазкур кори анҷомшуда ва маҷмӯӣ буда, саҳми муносиби муаллиф ба илми таърихи давлат ва ҳуқуқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мавзӯи мубрам – таълимоти сиёсию ҳуқуқии Мискавайҳ бахшида шуда, ба таври комплексӣ онро баррасӣ намуда, кори пурраю ҳаматарафа ба анҷомрасида мебошад. Таҳқиқот ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, аз ин сабаб муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқи мақсад мешуморем.

**Сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат,**
**муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази**
**миллии қонунгузории назди**

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобокалонов Ғ.М.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 13. Тел.: (+992 237) 227-47-71, 227-42-43. E-mail: info@mmk.tj http//www.mmk.tj.

**«Имзои Бобокалонов Ғ. М.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузории**
**Маркази миллии қонунгузории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Сафаров К. С.**